**ТАҚРИЗИ**

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Имомбердиева Саломат Менгиқулова дар мавзуи “Ономастикаи “Ёддоштҳо” – и Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2023. – 194с.**

Таҳқиқи номшиносии осори таърихӣ ва адабӣ яке аз фаслҳои ономастика буда, дар равшан намудани масъалаҳои гуногуни ономастикаи таърихӣ нақши муҳим дорад. Солҳои охир дар номшиносӣ истилоҳи “ономастикаи адабӣ” ҷорӣ гардид, ки масъалаҳои корбурд ва вазифаҳои номҳои хоси адабиёти бадеиро дар бар мегирад. Баробари номшиносии минтақавӣ номшиносии осори хаттӣ низ равнақ ёфт. Дар номшиносии тоҷик низ осори илмие таълиф ёфтааст,ки ба таҳқиқи номҳои хос дар осори таърихӣ ва бадеӣ бахшида шудаанд. Дар ин самт рисолаю монография ва диссертатстяҳои М.Шодиев (топонимияи осори Айнӣ), Р.Шоев (Ономастикаи “ Самаки айёр”), С. Абодуллоева (Ономастикаи назми тасаввуфӣ), Майнусов, С.Қурбонмамадов (антропонимияи “Шоҳнома”),Давлатов Э. (антропонимияи “Қиссас –ул-анбиё”, Темурова Ҷ. (антропонимияи “Ҳазору як шаб”), Давлатова Ф. (антропонимияи “Таърихи Табарӣ”), С. Холиқназарова (ономастикаи назми Носири Хусрав), Ш. Рустамшоҳ (ономастикаи “Таърихи Саистон”) – ро метавон номбар кард.

Исмҳои хос дар баробари дигар воҳидҳои забон муҳимтарин унсури луғавии матни бадеӣ мебошанд. Масъалаи марказии омӯзиши исмҳои хос накши онимҳо дар матнҳои адабӣ ва публитсистӣ маҳсуб меёбад. Номҳои хос дар адабиёти бадеӣ ва публитсистӣ вазифаҳои услубӣ - эмотсионалиро адо менамоянд. Омӯзиши хусусиятҳои амалкарди номҳои хосро дар адабиёти бадеӣ номшиносии бадеӣ дар бар мегирад. Пажӯҳишҳо дар ин бахш собит намудаанд, ки исмҳои хос дар офаридани образҳои бадеӣ накши муайян доранд. Номҳои хос дар тақвияти бадеии воқеоти асар, дар ташаккули матн ва ифодаи ғаразҳои услубии муаллиф нақши назаррас доранд.

Диссертатсияи мазкур ба таҳқиқи ономастикаи яке аз асарҳои калонҳаҷми устод С.Айнӣ “Ёддоштҳо” бахшида шудааст. Ин асари С.Айнӣ асари ёддоштӣ буда дорои маводи ғании ономастикӣ мебошад. Таҳқиқи ономастикии он метавонад ба бисёре аз масъалаҳои забон ва услуби “Ёддоштҳо” равшанӣ андозад. Аз ин рӯ, мавзуи **диссертатсияи мазкур мубрам** буда, бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ робита доранд.

Масъалаҳои дар диссертатсия мавриди баррасӣ қарор додашуда гувоҳи онанд, ки **мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.**

Асолати диссертатсияи Имомбердиева С.М.“Ономастикаи “Ёддоштҳо”- и Садриддин Айнӣ” дар он зоҳир мегардад, ки он асоси маводи фаровони топонимӣ навишта шуда, **дорои навгонии муайяни илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ** мебошад. Дар диссертатсия бори нахуст ономастикаи яке аз асарҳои муҳими бунёдгузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ “Ёддоштҳо” аз нигоҳи вижагиҳои услубӣ, луғавию семантикӣСохтори морфологӣ, мансубияти забонӣ таҳқиқ гардида, дар диссертатсия антропониму топонимҳои таърихии мансуби ашхос ва мавзеъҳо, сайри таърихиву ҷуғрофии ин мавзеъҳои мансуб ба номи ашхоси таърихӣ гирд оварда шуда, тафсири таърихиву ҷуғрофии ин сарзамин дар “Ёддоштҳо” дар маҷмуъ таҳқиқ гардидаанд.

Диссертатсияи мазкур инчунин дорои **аҳамияти назариявию амалӣ буда**, номшиносии тоҷикро бо маводи нави таҳлилӣ, паҳлӯҳҳои ноаравшани вижагиҳои забонии “Ёддоштҳо” ошно сохта, ба баъзе вижагиҳои луғавӣ ва услубии забони адабии тоҷикӣ, ба хусус, роҷеъ ба қабатҳои луғавии забони тоҷикӣ, ки маводи ономастикӣ дар он накш дорад, кори таҳқиқотӣ анҷом дода, хулосаҳои илмии ба даст овардаро дар таълифи китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ , номшиносӣ, ҷуғрофияи таърихии ин сарзамин, инчунин дар таҳияи фарҳангҳои ономастикӣ метавон истифода кард. Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки маводи диссертатсияи мазкурро, дар дарсҳои назариявӣ, дар курсу машғулиятҳои амалии таърихи забони тоҷикӣ, номшиносии осори бадеӣ, шевашиносӣ, таърихи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар факултетҳои филологӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Ҳалли масъалаҳои таҳқиқотӣ ба хадафи таҳқиқ вобастаанд, ки дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок карда шудаанд. Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ тарҳрезӣ шуда, масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки таҳлили номшиносии “Ёддоштҳо” – ро дар бар мегирад. “Ёддоштҳо” асари ёддоштӣ ва таърихӣ буда, номҳои зиёди ашхоси таърихӣ ва ҷойномҳои воқеиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, яке аз бахшҳои таҳқиқ муайян намудани номи ашхоси таърихӣ, шоҳон, уламо ва донишмандон дар асар мебошад. Таҳқиқи қабатҳои луғавӣ ва хусусиятҳои семантикии маводи ономастикии асар бахши дигари диссертатсияро ташкил медиҳад. Хусусиятҳои забонии топониму микротопонимҳои “Ёддоштҳо”, антропонимҳо, навъҳои гуногуни ҷойномҳо, қолабҳои сохторӣ ва морфологии онимҳои гуногун, мансубияти забонии маводи ономастикии асар дар бахшҳои алоҳида мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар диссертатсия осори зиёди номшиносии умумӣ ва фаръӣ истифода шудааст, ки аз вусъати баррасии масъала бар меояд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқадима, се боб, феҳрасти адабиёт ва замима иборат аст, нуктаҳои асоси ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва таълифоти дар мавзуи диссертатсияро инъикос кардаанд.

Хулосаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар 10 мақола инъикос ёфтааст, ки 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КАО-и ФР, КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Боби якуми диссертатсия ба таҳлили қабатҳои луғавии антропонимҳо бахшида шуда, аз панҷ фасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб номи ашхоси асотирӣ ва чеҳраҳои динию таърихӣ таҳлил шудааст. Номҳои зиёди асотирӣ ва чеҳраҳои динию асотирӣ вобаста ба вусъати тасвири ҳодисаҳои таърихӣ, ифодаи андешаи худи муаллиф дар асар истифода шудаанд. Диссертант ҳар як номро аз рӯйи микдори корбурди он нишон дода, кӯшиш кардааст, ки пайдоиши этимологӣ, сохтори таркибии онро муайян созад. Аз ҷумла, чунин хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории номҳои гурӯҳи мазкур муайян карда шудааст: а) номҳое, ки бо ҷузъи *хоҷа* шакл гирифтаанд, б) номҳое, ки бо ҷузъи мулло оварда шудаанд, в) номи ашхоси асотирие, ки байни мардум маъруф аст, г) номи чеҳраҳои динӣе, ки ҳамзамони худи муаллиф буданд.

Номи шоҳону шоҳзодагон ва аъёну ашрофон дар фасли алоҳида аз назар гузаронида шудаанд. Фасли сеюми боби аввал ба таҳлили мавкеъ ва замони адибону донишмандон ва фозилони давр бахшида шудааст. Ин гурӯҳи номҳо низ аз рӯйи мансубияти замонӣ ва мавқеи истифода ба зергурӯҳҳо ҷудо шудаанд:а) антропонимҳои ифодагари номи адибону фазилон ва шоирони адабиёти пешин, б) антропонимҳое, ки номи адибону фозилон ва шоирони ҳамзамони муаллифи асарро ифода мекунанд, г) номҳои ровиён ва ноқилони дар байни мардум маҳбубиятдошта. Чунин дастабандии номҳои асар ба вазифаҳои услубӣ ва иттилоотии номҳо робитаи қавӣ дошта, ба мавқеи ономастика дар осори бадеӣ далолат мекунад. Ҳамчунин дар боби мазкур номи пешаварон ва хешу пайвандони муаллиф низ оварда шудаанд.

Номвожаҳо дар баробари дигар воҳидҳои луғавӣ муҳимтарин унсури забонии асари бадеӣ ба шумор мераванд. Номвожаҳо дар осори бадеӣ вазифаҳои гуногуни маъноӣ ва услубиро адо мекунанд. Бинобарин боби

дуюми диссертатсияро муаллиф ба таҳқиқи вазифаҳои маъноӣ, услубӣ ва омории номвожаҳои асар бахшидааст, ки аз 2 фаслу 6 зерфасл иборат аст.

Дар фаслҳои боби мазкур вазифа ва нақши номвожаҳо дар ифодаи ҳадафҳои услубӣ муайян карда шуда, зимни овардани мисолҳои зиёд таҳлил шудааст. Муаллиф нақши ономастиконро дар тасвири манзара, дар инъикоси тасвирҳои бадеӣ, инъикоси ҳаводиси таърихӣ, мавқеи номвожаҳо дар дар инъикоси муҳити маишӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ, ҳаёти кишоварзӣ, инъикоси муассисаҳои таълимӣ, нуқоти маскунӣ ва хелҳои онҳо, иттиҳоди ҷамъиятии одамон, инъикоси вазъи мамолики дигари дунё ва ғайраро зимни таҳлили матни асар муайян намуда, бо мисолҳи зиёд собит намудааст.

Зимнан ёдоварӣ намудан ба маврид аст, ки таҳлили оморӣ аз ҷумлаи бахшҳо таҳқиқи забоншиносӣ маҳсуб ёфта, мавқеъ ва нақши воҳидҳои забонро дар корбурди ҷорӣ ва ва ин ё он асари бадеӣ инъикос мекунад. Анҷом дода шудани таҳлили омории ономастикаи "Ёддоштҳо" аз тарафи муаллифи диссертатсия шоистаи таъкид аст. Дар заминаи таҳқиқи оморӣ, махсусан ҷойномҳо аз ҷиҳати объекти ифода ба гурӯҳҳо ҷудо шудаанд, ки манзараи инъикоси номвожаҳо дар асар барҷаста ниишон медиҳад, ки ба ифодаи пур- вусъати таърихии асари мазкур далолат мекунанд. Аз ҷумла, номи мадрасаҳо, номи деҳаҳо, номи мазору зиёратгоҳҳо, номи гузару мавзеъҳо, номи бозору саройҳо, номи рӯзномаҳо, номи меҳмонхонаҳо, номи китобҳо, сарлавҳаи жанрҳои бадеӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, чандомади такрори номвожаҳо нишон дода шуда, ба сабабҳои корбурди зиёди баъзе аз номвожаҳо дар асар равшанӣ андохта шудааст.

Боби сеюми диссертатсия "Баррасии сохторӣ ва мансубияти забонии ономастикаи асар" аз 6 фасл иборат аст. Фасли аввал ба таҳқиқи сохтори морфологии номвожаҳои асар бахшида шудааст. Тибқи таснифоти анъанавӣ номвожаҳои асар ба сода, сохта ва мураккаб ҷудо шудаанд. Номвожаҳои сода ба антропонимҳо, хоронимҳо, астионимҳо, зоонимҳо, гидронимҳо, эргонимҳо ҷудо шуда мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар бахши номвожаҳои сохтаи асар формантҳои -ак, - ҷон, - ён,- ӣ,-ин, -стон, -гар ва нақшу маънои ин ҷузъҳои номсоз таҳлил шудааст. Новожаҳои мураккаб низ аз ҷиҳати хусусияти антропонимӣ ва топонимӣ, аз рӯйи муносибати ҷузъҳои мураккабу тобеъ ва таркиби морфологӣ таҳлил шудаанд. Номҳое, ки дар қолаби ибора сохта шудаанд, дар фасли алоҳида аз назар гузаронида шудаанд. Инчунин ба хелҳои гуногуни номвожаҳо ҷудо шудаанд.. Дар шакли ибора антропонимҳо, номҳои ҷуғрофӣ, урбанонимҳо (номи гузар, маҳалла), номи шоирону адибон, номи аҳли ҳунар, ибора – антропонимҳои марбут ба исмҳои хоси маҳал, библионимҳо, ҳемеронимҳо сохта шудаанд.

Дар зимн муносибати ҷузъҳои ибора ва таркиби морфологии ибораҳо низ тасниф шудааст.

Зерфасли алоҳида ба ташхиси номвожаҳо аз нигоҳи мансубияти забонӣ бахшида шудааст. Диссертант номвожаҳои асарро ба тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ – узбекӣ, русӣ – байналмилалӣ ва номвожаҳои омехта ҷудо намуда, аз ҷиҳати семантика ва моҳияти ономастикӣ таҳлилу тасниф намудааст.

Дар хулосаи диссертатсия аз натиҷаҳои таҳқиқот дар 12 банд натиҷагирӣ карда шудааст. Дар охири диссертатсия луғати мухтасари номвожаҳо оварда шудааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мантиқан ба натиҷаю хулосаҳои таҳқиқ иртибот дошта, дар 6 банд ҷиҳатҳои муҳими ономастикаи асари мазкур аз назари услубӣ, маъноӣ, таърихӣ ва ҷуғрофӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Дар баробари дастовардҳои диссертант зикри чанде аз камбудиҳо ва масъалаҳои баҳснокро ҷоиз медонем.

1.Ба назари мо боби якуми диссертатсия ба тариқи зайл бояд номгузорӣ мешуд: “Таснифу таҳлили антропонимҳои “Ёддоштҳо”- и С. Айнӣ аз ҷиҳати мавқеи асотирӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ”. Зеро дар ин боб антропонимҳо аз назари асотирӣ ва таърихӣ, воқеӣ ва иҷтимоӣ аз назар гузаронда шудаанд.

2. Хуб мешуд, агар антропонимҳо ва топонимҳо бо ҳама навъҳояшон дар бобҳои ҷудогона таҳқиқ мешуданд. Зеро инҳо ду воҳиди ҷудогонаи ономастикӣ буда, аз назари вазифаҳои услубию маъноӣ, сохтори морфологӣ ва синтаксисӣ дар асари бадеӣ тафовути муайян доранд, инчунин аз назари мансубияти забонӣ низ вижагиҳои худро доранд. Дар ин маврид аз такрори баъзе аз масъалаҳо пешгирӣ карда мешуд (ниг.: с.37,101).

3. Хуб мешуд, агар фасли алоҳидае оид ба нақши антрпонимҳо дар ташаккули ҷойномҳо оварда мешуд, зеро ин имконият медиҳад, то доир ба ташаккули навъҳои гуногуни топонимияи таърихии минтақаи мавриди тасвири “Ёддоштҳо” маълумоти бештаре пайдо намоем.

4. Қисми зиёди антропонимҳо бо ҷузъҳои *хоҷа, мулло. бой* шакл гирифтаанд. Сабаби бо ин ҷузъҳо шакл гирифтани номҳои ашхос бояд шарҳу тавзеҳ дода шуд (ниг.: боби 1)

5. Дар диссертатсия истилоҳоти гуногуни байналмилалӣ ва тоҷикии соҳаи номшиносӣ истифода шудааст, ки баъзан шарҳ наёфтаанд. Аз ин рӯ, истифодаи истилоҳот бояд ҳамгун мебуд. Масалан,дар баъзе саҳифаҳо *оним* дар саҳифаҳои дигар *номвожа* ба кор бурда шудааст, ки муродифанд. Дар

ин мавриди дар ҳама мавриди бояд ба корбурди гунаи тоҷикӣ *(номвожа)* бартарият дода мешуд.

6. Номвожаҳои мураккабе аз қабили Раҳимдод, Некқадам, Фатҳулло Қушбегӣ, чун номвожаҳои тоҷикӣ дар таснифоти марбут ба мансубияти забонӣ оварда шудаанд, ки нодуруст аст. Номвожаҳои Раҳимдоду Некқадам (с. 133) ва Фатҳулло Қушбеги (с.136) аз ҷиҳати мансубияти забонӣ ба номвожаҳоиҳои омехта дохил мешаванд.

Камбудиҳои зикршуда ислоҳшавандаанд ва арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Муаллиф метавонад дар вақти нашри монография ба масъалаҳои зикршуда таваҷҷуҳ зоҳир намояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Имомбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуи "Ономастикаи "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон из 30 июни соли 2021 таҳта рақами 265 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи
М. Назаршоев Офаридаев Назрӣ
8 июни соли 2023
Суроға: 736000 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМБК, ш. Хоруғ, к. Карамшоев, 265,
Тел.: + 992939314032
E-mail: ofarida_n@mail.ru

Имзои Офаридаев Назриро тасдиқ мекунам:
Раёсати кадрҳо ва коргузорӣ ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М. Назаршоев Саидраҳмонов Н.

Суроға: 736000 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМБК, ш. Хоруғ, х. Ш.Шоҳтемур, 109,
Тел.: + 99235222277 E-mail: info@khogu.tj 8 июни соли 2023.